# Тартиби зарурӣ барои инҳирофи қонунӣ аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ



**Дар вақти ҳолати фавқулоддаи ҷамъиятӣ, давлатҳои узв метавонанд чораҳое андешанд, ки аз баъзе уҳдадориҳои онҳооид ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) инҳироф мекунанд, аммо риоя кунанд:**

### I Эълони расмӣ дар бораи ҳолати фавқулодда

- Инҳироф аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) бояд истисноӣ ва муваққатӣ бошад.
- вазъият бояд ба ҳолати фавқулоддаи ҷамъиятӣ баробар бошад, ки ба ҳаёти миллат таҳдид мекунад ва давлати узв бояд расман ҳолати фавқулоддаро эълон кунад.

Таваҷҷуҳ! Агар давлатҳои узв ҳар гуна чораи инҳирофро бидуни эълон кардани ҳолати фавқулодда татбиқ намоянд, ин вайрон кардани уҳдадориҳои худ дар чорчӯби ПБҲШС хоҳад буд.

### II Фиристодани огоҳинома ба Дабири кулли СММ

- Ҳамаи давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймонро тавассути Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба муқаррароте, ки вай аз онҳо инҳироф намудааст ва сабабҳое, ки вайро ба чунин қарор водор сохтаанд, хабардор намоянд.
- Огоҳиномаи иловагӣ зарур аст, ҳангоми:
  - андешидани чораҳои оянда барои инҳироф;
  - тамдиди ҳолати фавқулодда; ва
  - қатъ кардани ҳолати фавқулодда.

Ҳамаи давлатҳои узв, ки чораҳои фавқулоддаро анҷом додаанд ва аз уҳдадориҳои худ дар чорчӯби Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ инҳироф кардаанд, бояд ин тартиботро риоя кунанд.

# Рӯйхати санҷишӣ барои мониторинги вайронкунии тартиби зарурӣ барои инҳироф кардан аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар контексти пандемияи COVID-19

Агар кишвари шумо ягон чорае андешида бошад, ки аз уҳдадориҳои дар назди онҳо гузошташуда дар чорчӯби ПБҲШС инҳироф кунад ...:

I. Оё кишвари шумо ҳолати фавқулоддаро эълон кардааст?

II. Оё кишвари шумо ба Дабири кулли СММ дар бораи эълон кардан, тамдид ва/ё қатъ кардани ҳолати фавқулода хабар додааст?

III. Оё огоҳинома ба Дабири кулли СММ дорои маълумоти кофӣ дар бораи чораҳои дақиқи андешидашуда, муқаррароте мебошад, ки аз онҳо инҳироф карда мешавад; ва ҳамчунин сабаби инҳирофро дар бар мегирад?



**Агар ҷавоби шумо ба ягон саволи дар боло зикршуда "НЕ" бошад, тартиби зарурии инҳироф аз Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мумкин аст аз ҷониби кишвари шумо (пурра) риоя карда нашавад.**

**Инчунин истинод оред ба:**

Рӯйхати санҷишӣ барои монитринги инҳирофи ғайриқонунии ПБҲШС (корти №9)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra